## Парки технологии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Озмоишгоҳи таълимӣ - илмӣ – истеҳсолӣ ва инноватсиони “Парки технологӣ” –и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (минбаъд ОТИИИ ПТ ДТМИ) аз моҳи сентябри соли 2012 на ҳамчун воҳиди мустақил, балки ҳамчун зертобеъи Департаменти илм, инноватсия ва равобити хориҷии Донишкада таъсис дода шудааст. Бо қарори Шӯрои олимони ДТМИК аз 27 сентябри соли 2013, №2 ОТИИИ ПТ ДТМИ бисёрсоҳа ҳамчун воҳиди мустақил таъсис дода шуд. Муассиси парки технологӣ ДТМИК буда, фаъолияти он тибқи Низомномаи ОТИИИ ПТ ДТМИ, ки аз тарафи Шӯрои олимони ДТМИК таҳти рақами №2, аз 27.09.2013 тасдиқ шудааст, амал менамояд.

Маблағгузории ОТИИИ ПТ ДТМИ аз ҳисоби маблағҳои ДТМИ ба роҳ монда шудааст. Барои вусъат бахшидан ба рушди ОТИИИ ПТ ДТМИ бо 30 адад корхонаҳои саноатии шаҳри Кӯлоб шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст. Бо қарори Шӯрои олимони ДТМИ аз 31 августи соли 2018, муҳосиботи ДТМИ вазифадор карда шудааст, ки барои вусъат додани фаъолияти самараноки ПТ ДТМИ маблағҳои зарурӣ ҷудо намояд. Ҳамчунин, бо мақсади рушди инфрасохтори ПТ аз ҷониби муассис - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам маблағҳои муайян ҷудо карда мешавад.

Шумораи умумии кормандоне, ки дар ОТИИИ ПТ ДТМИ 15 нафарро ташкил медиҳад.

Заминаи моддӣ-техникии ОТИИИ ПТ ДТМИ хуб мебошад. Дар технопарк 2 адад тахтаи электронӣ бо проектор, принтери ранга, таҷҳизотҳои навини биотехнология мавриди истифода қарор дорад. Дар ОТИИИ ПТ ДТМИ донишҷӯёни ихтисосҳои гуногуни донишкада аз таҷҳизоту дастгоҳҳо истифода намуда корҳои озмоишӣ ва таҷрибавии худро бемамоният мегузаронанд.

Барои ба таври самарабахш ба роҳ мондани фаъолияти ОТИИИ ПТ ДТМИ раёсати донишкада асбобу таҷҳизотҳои зарурии зеринро ба маблағи 449241 (чорсаду чилу нуҳ ҳазору дусаду чилу як) сомонӣ харидорӣ намуда насб намудааст: 1) Дастгоҳи равғанкашӣ – 1 адад, ба маблағи 64483 сомонӣ; 2) Хати технологии истеҳсоли тушбера ва макарон – 1 адад, ба маблағи 83750 сомонӣ; 3)Мизи кории заргарӣ – 10 адад, ба маблағи 5000 сомонӣ; 4)Асбобу таҷҳизоти истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ – ба маблағи 4800 сомонӣ; 5)Асбобу таҷҳизоти гузаронидани ташхиси маводи хӯрока (шир ва гушт) – ба маблағи 200000 сомонӣ; 6)Микроскоп – 10 адад, ба маблағи 18300 сомонӣ; 7)Деги буғӣ – 2 адад, ба маблағи 5400 сомонӣ; 8)Дастгоҳи механикӣ барои маҳкамкунии куттӣ – 1 адад, ба маблағи 2000 сомонӣ; 9)Проекторҳо – 2 адад, ба маблағи 7358 сомонӣ; 9)Тахтаи электронӣ – 2 адад, ба маблағи 11200 сомонӣ; 10) Мошинаи чопӣ – 1

адад, ба маблағи 29350 сомонӣ; 11)Дастгоҳҳои адрасбофии дастӣ – 3 адад ба маблағи 8100 сомонӣ; 12)Мошинаҳои дарздузӣ – 10 адад ба маблағи 9500 сомонӣ.

Фаъолият дар самти истеҳсоли маҳсулоти ворид ивазкунанда инҳо мебошанд:

- фаъолият дар самти чопи маводҳои таълимию методӣ;
- фаъолият дар самти истеҳсоли гиёҳҳои шифобахш;
- фаъолият дар самти истеҳсоли консерваи моҳӣ, сабзавоту мева;
- фаъолият дар самти истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ;
- фаъолияти дар самти васеъ намудани курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣаз рӯи ихтисосҳои нав;
- фаъолият дар самти таъсиси сехҳои нави таълимӣ– истеҳсолӣ;
- фаъолият дар самти густариши ҳамкориҳо бо паркҳои технологии муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣва хориҷи кишвар;
- фаъолият дар самти ба имзо расонидани шартномаҳои дуҳониба бо корхонаҳои саноатии ш. Кӯлоб ва хоҳагиҳои кишоварзии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои татбиқи технологияи нави истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ;

Дар солҳои 2019-2020 аз ҷониби ОТИИИ ПТ ДТМИ чунин намуди маҳсулотҳо истеҳсол карда шуданд: 1)Консерваи пиёзи анзур – 100 дона;
2)Компоти олуболу – 580 дона; 3)Компоти дулона – 200 дона; 4)Консерваи помидор – 100 дона; 5)Консерваи бодиринг – 100 дона; 6)Консерваи растаниҳои шифобахш – 200 дона. Инчунин чойи шифоӣ аз растаниҳои шифобахш (ҷамилак, кокутӣ, бӯи модарон, лимонкоҳ, пудина ва ғайраҳо) -200 қуттӣ, ҷамъ ба маблағи 20000 сомонӣ истеҳсол карда шуда, ба фурӯш бароварда шуданд.

Дар маркази тарроҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ба миқдори 50 дона курпача (матрас), модели куртаҳо 10 адад, куртаи чакан – 10 дона, чодари чакан – 10 дона, болишти чакан – 10 дона, тоқии чакан – 30 дона ва ғайра истеҳсол карда шуданд, ки қисме аз онҳо дар хобгоҳи донишҷӯёни донишкада мавриди истифода қарор дода шуданд.

Мавриди зикри аст, ки дар намоишгоҳи молу маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон (моҳи ноябри соли 2018) «Гӯшаи чакан» ташкил карда шуд, ки маҳсули дасти устодону дастпарварони ОТИИИ ПТ ДТМИ мебошад.

Дар Маркази тарроҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ вобаста ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», маҳсулоти инноватсионӣ – модели нави куртаи чакан бо офариниши манзараҳои таърихию сайёҳии Тоҷикистон истеҳсол карда шудаанд, ки маҳсулотҳои мазкур дар ҳама намоишгоҳҳо муаррифӣ карда мешаванд.

Тибқи «Иҷозатнома»-и пешбурди фаъолияти таълимӣ дар ОТИИИ ПТ ДТМИ, курсҳои омӯзишии кутоҳмуддат аз қабили

омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дӯзандагӣ, технологияҳои консервакунонӣ, маснуоти заргарӣ, маҳсулоти нонӣ ва коркарди растаниҳои шифобахш ташкил карда шуд, ки онро миқдори зиёди донишҷӯёну шаҳрвандони ш.Кӯлоб ва ноҳияҳои тобеи шаҳри Кӯлоб хатм намуданд.

Дар доираи ҳамкории судманди муштарак бо мутахассисони варзидаи Донишгоҳи аграрии Воронеж ба номи император Пётри I –и Федератсияи Россия, д.и.б., профессор Лукин А.Л. ва мутхассисони пуртаҷриба аз ДТМИ Шоев А.Н. лоиҳаи инноватсионии фармоишӣ бо номи “Бунёди корхонаи истеҳсоли пектин аз каду” ба маблағи 912000 сомонӣ, ки оғози лоиҳа соли 2019 ва анҷоми лоиҳа соли 2021 ба нақша гирифта шудааст, ба комиссияи таҳлилӣ – экспертии АИ ҶТ пешниҳод карда шуд, ки он аз ҷониби комисияи босалоҳиятдор дастгирӣ карда шуд.

Дастовардҳои илмӣ, технологӣ ва инноватсионие, ки дар давраи фаъолияти ОТИИИ ПТ ДТМИ коркард карда шуданд: 1) Таъсис ва фаъолияти 7 сехҳои истеҳсолӣ дар парки инноватсионӣ – технологӣ; 2)Таъсис ва фаъолияти 9 озмоишгоҳ; 3)Таъмири капиталии озмоишгоҳи биотехнология ва таҷҳизонидани он бо техникаи навини лабораторӣ дар андозаи 240 000 сомонӣ аз ҷониби соҳибкор Комилов Н.; 4) Ба даст овардани 5 (панҷ) нахустпатент ба ихтироъ дар соли 2018; 5)Ҳимоя ва муаррифии 48 лоиҳаи инноватсионии донишҷӯён; 6)Оғози сохтмони бинои нави ДТМИ, аз ҷумла бинои нави технопарк иборат аз 25 озмоишгоҳ.